# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) пешниҳод шудааст

Дар марҳилаи муосир муомилоти ҳуқуқи маданӣ дар бештари мавридҳо ба воситаи шартномаҳо ба амал бароварда шуда, бо ин асос муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ инкишоф меёбанд. Дар ин давра бо дарназардошти рушди низоми ҳуқуқӣ, иқтисодиёт, молия ва дигар падидаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмии масъалаи мазкур муҳим мебошад. Иҷораи молиявӣ (лизинг) мувофиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба шартномаи лизинг асос ёфта, ба субъектони истеҳсолкунанда аз нуқтаи назари иқтисодию ҳуқуқӣ ҳамчун чораҳои ҳавасманднамоӣ, ба монанди бо фоизҳои паст харидорӣ кардани молу мулк, ба даст овардани фоида аз истифодабарӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Қобили тазаккур аст, ки иҷораи молиявӣ (лизинг) ҳамчун шакли махсуси муомилоти молиявӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир нақши муҳимро ишғол менамояд. Он ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки захираҳои моддӣ ва техникиро бо сармоягузории нисбатан кам ва бо хатари паст истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти рушди низоми иқтисоди бозорӣ ва татбиқи муқаррароти қонунгузории миллӣ шартномаи иҷораи молиявӣ ҳамчун механизми самараноки молиявӣ бахри рушди фаъолияти ташкилоту корхонаҳо ва ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст.

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф тибқи автореферати диссертатсия муайян мегардад, ки таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи шартномаҳои иҷораи молиявӣ собитгари он аст, ки барои самаранок ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ иҷро гардидани лизинг роҳандозии стандартҳои ягона ва мукаммал дар қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани низоми чораҳои кафолатӣ дар ин сам зарурӣ маҳсуб меёбад. Иҷораи молиявӣ ҳамчун механизми устувори молиявӣ ва кафолати рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро менамояд.

Таҳлили амиқи илмии падидаи мазкур метавонад, мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намояд. Дар робита ба асосҳои мазкур, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёрро муҳим, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ намудан комилан дуруст мебошад.

Қайд кардан мумкин аст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр таҳти унвони «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ мубрам маҳсуб мегардад. Аз муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант моҳияти мавзуро амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои муҳимми онро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқаррааргардида омода карда шуда, мазмуни мухтасар ва дақиқи мавзуи таҳқиқот дар он нишон дода шудааст. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидаст.

Дар автореферат диссертант навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва асоснок манзур намудааст. Бо натиҷагирӣ аз нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳумҳо ва нуктаҳои дигари пешниҳодгардида аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф гардида, қобили дастгирӣ мебошанд ва дар илми ҳуқушиносӣ зарурӣ ва саривақтӣ маҳсуб меёбанд. Дар баробари нуктаҳои назариявӣ, нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда низ аз аҳаммият холӣ нестанд, зеро таклифҳои амалии пешниҳоднамудаи диссертант воқеан шоистаи дастгирӣ буда, барои такмили қонунгузорӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо мусоидат менамоянд.

Дар баробари он, ки диссертант бо омода намудани таҳқиқоти худ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст, баъзе масъалаҳои дигарро низ қайд намудан зарур аст. Аз ҷумла:

Диссертант дар пешниҳоди худ барои такмили қонунгузорӣ дар баробари мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқаррар карда шудааст, ҳамзамон илова намудани мафҳумҳои шартномаи лизинг, муҳлати лизинг ва истеҳлокро мувофиқи мақсад меҳисобад. Вобаста ба таклифи мазкур хуб мебуд, ки мазмуну моҳияти мафҳумҳои пешниҳодгардида, инчунин зарурати иловаҳои мазкурро ба қонунгузорӣ диссертант шарҳ медод.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат намояд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмӣ инъикос гардидааст ва аз он 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, 12 адад мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонида шудааст.

Зикр намудан зарур аст, ки автореферати Ҳакимзода Я.Б. дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Вобаста ба ин, натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, маводҳои илмӣ пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз: мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Тел.: (+992) 93-767-82-92; (+992) 00-177-82-92; e-mail: abdurakhimov1987@bk.ru** **Абдураҳимзода С. Қ.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, ш.Бохтар, кучаи ба номи Садриддин Айнӣ, 67. Телефон. (83222) 2-54-81; (83222) 2-48-63 E- mail: bgu-1978@mail.ru**

**Имзои Абдураҳимзода С. Қ. - ро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Нажмиддинов М.М.**

**«03» 12 соли 2025**